# БИДОНЕМ, ТО БИСОЗЕМ

Инсон ҳокими мутлақи рӯйи Замин аст. Вай на танҳо бар табиат, балки бар тамоми набототу ҳайвоноту ҷамодот ҳукмрон аст ва фаротар аз сайёраи Замин, кайҳонро бар суди хеш истифода мекунад. Инсон имрӯз табиат ва нирӯҳои табиатро бар нафъи худ ба кор мебарад, бо истифода аз зеҳни сунъӣ, роботҳо, муқтадиртарин компютерҳо – чун дастёри худ, ҳар кореро, ки хоҳад, ба ҷо меорад. Ин ҳама тавоноии инсон аз илм аст. “Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад” (*Абулқосими Фирдавсӣ*).

Он давлате дар олам имрӯз муқтадир аст, ки дар он илм рушдёфтатар бошад. Он кишваре мутараққӣ аст, ки дар он донишу донишманд қадру манзалати беш дошта бошад. Хуллас, оламу одамро илм идора мекунад. Илм маълумот аст, иттилоъ аст, донистан аст, доно будан аст. Ободии олам, шодобии олам аз илм аст; озодии одам, шодии одам аз илм аст. Ҳар кӣ соҳибилм аст, ӯ соҳиби қудрату ҳукумат аст (“Беҳ аз ганҷи дониш ба гетӣ куҷост? Киро ганҷи дониш бувад, подшост!” *Асадӣ*), соҳиби иззат аст, соҳиби шавкату шаҳомат аст; ҳар кӣ илм дорад, ӯ давлату сарват дорад, савлату салобат дорад, наҷобат дорад, ҷоҳу манзалат дорад; ҳар киро дониш аст, ӯ дар роҳату фароғату лаззат аст, дар саодат аст, дар раёсату садорат аст (“Илоҷи ҳамаи бадбахтиҳои башариятро мо танҳо дар омӯзиш (маърифат, илм) ёфта метавонем”. *Карамзин Н. М.).* Ҳар кӣ дастрасӣ ба *иттилоъ – маълумот – дониш – маърифат* дорад, бо ин неъматҳои гаронарзиши маънавӣ сарукор дорад, пешрафту муваффақият мудом бо ӯст. Илм нур ва ҳидоят аст ва нодонӣ торикӣ ва гумроҳист. Илм мояи сарбаландию камоли инсон дар дунёву охират аст. Ва, ниҳоят, ҳар киро илми нофеъ аст, сармояву сарваташ маънавиёту маърифат аст, ӯро бақову абадият аст, зеро бақои инсон бар ду чиз аст: илму накӯкорӣ. Ҳамин ду чиз аст, ки касро бақову пояндагӣ мебахшад (“Дар байни инсони соҳибилм ва беилм (ҷоҳил) фарқ чунон аст, ки дар байни шахси зинда ва мурда”. *Арасту*).

Лек илм бо амал накӯст ва ҳар киро илм ҳасту амал нест, ӯ чун дарахти бузургест бесамар (Илм чу донӣ, зи амал сар мапеч, Дониши бекор наярзад ба ҳеч. *Ҷомӣ*) ва агар ҳатто олим асту вале илмаш мояи амалаш не, тафовути чунин олим аз шахси беилм зиёд нест (“Олими

беамал – занбӯри беасал”. *Мақоли халқӣ).* Рӯйи сурх, номи нек, рӯзгори серу пур, ҳунари пурсамар аз илми боамал аст. Зиндагии баофият, оилаи босаодат, устодро ҳурмат кардани шогирд, шогирдро раҳнамоӣ кардани устод, фарзандро тарбият кардани падар, волидонро хидмат кардани фарзанд аз илми боамал аст. Ҳатто тани сиҳат, хотири ҷамъ, дили беғамро яке аз омилҳояш илми боамал аст (“Туро лаззат зи илму аз амал бӯй, Камолатро зи илми боамал ҷӯй!” *Носири Хусрав*).

Бешак, имрӯз илм ба як рукни муҳими иҷтимоӣ, нирӯи истеҳсолкунанда ва сарвати бебаҳои зиндагии башар табдил ёфтааст ва дар ин замина ҳаёт ва пешрафти ҷаҳони муосир тақозо мекунад, ки ҳар як шахс дар ҷомеа соҳиби донишу маърифат ва касбу ҳунари созгор бошад. Ин амр тақозои замони истиқлол ва муосир аст. Инсон ҳамеша ба илм ниёз дорад («Илму санъат барои инсоният чун обу ғизою либос зарур аст, ҳатто зарууртар аз инҳо». *Толстой Л. Н.*). Имрӯз халқу миллати тоҷик ба насли дорои тафаккури созанда ва донишу ҷаҳонбинии муосир ниёз дорад, зеро танҳо чунин насл иқтисоду истеҳсолоти замонавии ҷавобгӯйи манфиатҳои давлатдории миллӣ, татбиқи дастовардҳои тамаддуни башарӣ ва илму технологияи навро, ки омили рушду ободии ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол бошад, таъмин карда метавонад. Миллати мо ё халқу миллати дигаре илми миллӣ надорад («Илми миллӣ вуҷуд надорад, чунонки ҷадвали миллии зарб мавҷуд нест». Чехов А. П.), лек барои амалӣ кардани ормонҳои миллӣ, роҳандозии ҳадафҳои бузурги миллӣ фарзандони миллатро мебояд илми созанда, маърифати офаринанда, зиракию идроки барозанда, андешаи фарозанда дошта бошанд. Довталабони гиромӣ – донишҷӯёни оянда, бахусус, бояд бидонанд, ки одам шудани инсон аз донишу маърифат вобаста аст (“Тан ба дониш сиришта бояд кард, Дил ба дониш фаришта бояд кард”. *Авҳадии Марогоӣ*).

Заминаҳои илм барои шахс дар айёми кӯдакию наврасӣ ҳосил мегардад ва баъдан дар зинаҳои таҳсилоти касбӣ (миёнаву олӣ) он такмил меёбад. Он кӣ дар муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ заҳмат мекашаду дониши хуб меандӯзад, барои донишҷӯй гаштан ва дар муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ё олии касбӣ (коллеҷ ё донишкада ё донишгоҳ) таълим гирифтан пояи мустаҳкам мегузорад. Бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурӣ Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Марказ) ҳамаи шароиту имкониятҳоро барои

дастрасии баробари хоҳишмандони таҳсилоти касбӣ ва арзёбии одилонаи донишу маҳорати довталабон муҳайё кардааст. Ҳар кӣ толиби курсии донишҷӯӣ асту дониши арзанда дорад, бе ёриву воситае ба ин ҳадафаш ноил гардида метавонад. Барои донишҷӯй шудан танҳо маълумоти комил дар доираи барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ лозим асту дигар ҳеҷ. Ҳар ки чунин маълумот (дониш) дораду омодагӣ, дилпур буда метавонад, ки аз рӯйи ҳар гуна ихтисос ва муассисаи таълимии дилхоҳаш донишҷӯй хоҳад шуд. Марказ бо фаъолияти хубу пурсамараш ва таъмини принсипҳои шаффофияту адолату махфият сазовори эътимоду эҳтироми Президенти Ҷумҳурӣ ва тамоми аҳли ҷомеа гардидааст. Он, дар баробари шаффофу одилона баргузор кардани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ИМД) ва олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ, ба сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ низ таъсири мусбат расонид. Дар асоси маълумоти оморӣ – натиҷаҳои бадастовардаи довталабон дар имтиҳонҳои мазкур ба ҳукуматҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод карда шуда, дар ин замина таъсири бозгаштии он (feedback) муайян мегардад, ки ин барои натиҷагирӣ кардан аз рӯйи он ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот дар зинаҳои гуногун мусоидат мекунад.

Яке аз омилҳои комёбиҳои ин ниҳоди бонуфузи соҳаи маорифи кишвар хуб ба роҳ мондани корҳои иттилоърасонӣ ва тарғибу ташвиқ дар байни ҷомеа аст. Чи хуб аст, ки Марказ, дар баробари расонидани иттилооти зарурӣ ба довталабону алоқамандони дигари низоми имтиҳонҳои мавриди назар аз тариқи сомонаи расмии худ, дастури иттилоотию методии “Роҳнамои довталаб” ва дигар василаҳо, боз як нашрияи худ – **маҷаллаи иттилоотию методӣ ва илмии “Довталаб”**-ро таъсис додааст. Агар дастури иттилоотию методии “Роҳнамои довталаб” иттилоотеро, ки донистанашон барои довталабон зарур аст, дарбар гирад, маҷаллаи номбурда, ба ҷуз матолиби тахассусии марбут ба низоми ИМД, инчунин, низоми тестии имтиҳонҳо, масъалаҳои сифати таълим, таҳлилу пажӯҳишҳо оид ба ИМД ва самтҳои гуногуни фаъолияти Марказ ва монанди инҳоро фаро мегирад, ки барои шиносоии бештари ҷомеа бо низоми имтиҳонҳо, такмили низом ва паҳлуҳои гуногуни кори Марказ дорои аҳамияти беш хоҳад буд. Табъу

нашри маҷалла, ҳамчунин, ҷиҳати қавӣ гардонидани самти илмии фаъолияти Марказ ва таҳким бахшидани ҳамкориҳои он бо мақомоту ниҳод ва муассисаҳои илмию таълимии ҷумҳурӣ ва берун аз хориҷи кишвар мусоидат хоҳад кард. Тавре ки мушоҳида мекунем, бо вуҷуди роҳандозии зиёди корҳои иттилоотию тарғиботӣ аз ҷониби Марказ, ҳанӯз ҳам аҳли ҷомеа, бахусус баъзе аз хонандагони мактабҳои миёнаи умумӣ ва падару модарон, аз хусусиятҳои низоми ИМД огаҳии кофӣ надоранд. Аз ин рӯ, табъу нашри ин маҷалла зарурию саривақтист.

Чунонки аз мазмуну муҳтавои маҷалла бармеояд, он фарогири ҳам маводди иттилоотӣ ва ҳам методию илмист. Ҳамаи ин матлабҳо барои алоқамандони ИМД донистанию лозимист, вале, аз назари мо, хубтар мешуд, ки бештар ба ҷанбаи илмию методии мақолаҳо таваҷҷуҳ карда шавад (чи масоили марбут ба ИМД ва чи масъалаҳои сатҳу сифати таълиму таҳсилот ва ғайра), зеро хонандаи он бештар на довталабон, балки омӯзгорон (ҳам аз муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам миёнаю олии касбӣ), олимон, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва мутахассисони соҳаи илму маорифанд.

Мо кормандони Марказ ва ҳамаи аҳли илму маорифи ҷумҳуриро, бахусус аҳли эҷод ва таҳрири маҷалларо бо нашри чунин як нашрия, ки барои алоқамандони ИМД хеле муҳим асту боиси шиносоии бештари онҳо бо низоми имтиҳонҳои тестии миллию берунӣ ва афзунии маърифаташон хоҳад гашт, шодбош мегӯем. Умедворем, ки зуҳури он боиси афзунии нуфузи на танҳо Марказ, ҳамчунин соҳаи илму маорифи ҷумҳурӣ гашта, чароғистони матбуоти илмии мамлакат аз фурӯғи ин фонус партаву зиёи бештар хоҳад ёфт. Бо арзи муборакбодӣ ба аҳли эҷоду таҳрири маҷалла комёбиҳо хоҳонем.

**Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз**,
ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа